# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои дақиқ – амсиласозии математикӣ ва таҳқиқи компютерии равандҳои биологӣ бахшида шудааст. Интихоби мавзуи таҳқиқот бо назардошти шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз ҷиҳати илмӣ, амалӣ ва иқтисодӣ асоснок мебошад.

*Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо пурра мутобиқат менамояд. Зеро муаллиф амсилаҳои математикии динамикаи популятсияи оилаи занбӯри асалро таҳия намуда, барои таҳлили онҳо аз усулҳои ададӣ ва алгоритмҳои ҳисоббарорӣ истифода кардааст. Ҳамзамон, дар доираи таҳқиқот комплекси барномавӣ таҳия гардидааст, ки татбиқи амалии амсилаҳои пешниҳодшуда ва гузаронидани ҳисобкуниҳоро таъмин менамояд. Ин ҷанба мутобиқати пурраи диссертатсияро ба талаботи ихтисоси мазкур аз лиҳози амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо тасдиқ мекунад.

*Мубрамии мавзуи таҳқиқ.* Занбӯриасалпарварӣ дар шароити иқлимии ҷумҳурӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, на танҳо дар истеҳсоли асал, балки дар гардолудсозии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи гуногуншаклии биологӣ нақши муҳим мебозад. Татбиқи амсиласозии математикӣ ва таҳқиқи компютерӣ дар ин самт имкон медиҳад, ки равандҳои биологӣ дар асоси таҳлили миқдорӣ арзёбӣ ваояндабинӣ карда шаванд. Амсилаҳои пешниҳодшуда имконияти баҳогузории таъсири омилҳои гуногун ба динамика ва сохтори популятсияи оилаи занбӯри асалро фароҳам оварда, пешгӯии сенарияҳои эҳтимолии рушди онро таъмин менамоянд. Мавзуи диссертатсия мубрам буда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия.* Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар таҳияи амсилаҳои нави математикӣ ва компютерии равандҳои марҳилавии ҳаёти оилаи занбӯри асал ифода меёбанд. Дар амсилаҳои пешниҳодшуда давраи пурраи инкишофи популятсияи занбӯри асал ба таври системавӣ ба инобат гирифта шуда, таъсири омилҳои биотикӣ,

абиотикӣ ва антропогенӣ ҳамчун параметрҳои фаъол ворид карда шудааст, ки имконияти таҳлили ҳамаҷонибаи динамикаи популятсияро фароҳам меорад. Муаллиф бори аввал барои шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон амсилаҳои консептуалӣ ва математикии динамикаи популятсияи оилаи занбӯри асалро таҳия намуда, рафтор ва қонуниятҳои рушди онро тавассути системаи муодилаҳои дифференсиалӣ тавсиф кардааст. Инчунин, дар заминаи амсилаҳо ва алгоритмҳои таҳияшуда комплекси барномавии мукаммал сохта шудааст, ки барои гузаронидани таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ, сенариягузаронӣ ва таҳлили динамикаи популятсияи занбӯри асал нақши муҳимро мебозанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бар пояи таҳлили амиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии амсиласозии математикӣ асос ёфта, дар заминаи таҳқиқоти компютерӣ санҷида шудаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин менамояд. Муаллиф дурустии натиҷаҳоро тавассути интихоби асосноки амсилаҳои консептуалӣ ва математикӣ, инчунин ба инобат гирифтани марҳилаҳои ҳаётӣ ва таъсири омилҳои биотикӣ, абиотикӣ ва антропогенӣ ба динамикаи популятсияи оилаи занбӯри асал исбот намудааст.

Тавсияҳои пешниҳодгардида дар заминаи усулҳои муосири амсиласозӣ асос ёфта, бо назардошти хусусиятҳои иқлимӣ ва экологии минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд. Аз ин рӯ, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия аз лиҳози илмӣ эътимоднок буда, барои татбиқи амалӣ қобили қабул мебошанд.

*Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.* Рисолаи диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», панҷ боб бо зербобҳо, «Хулосаҳо», «Адабиёт» (бо зербобҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаб») ва «Замимаҳо» иборат мебошад. Рисола дар ҳаҷми 321 саҳифаи чопӣ таҳия гардидааст. Феҳристи адабиёти истифодашуда 322 номгӯй ва рӯйхати интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 44 номгӯро дар бар мегирад. Илова бар ин, дар рисолаи диссертатсионӣ 5 санади татбиқӣ пешниҳод шудааст, ки мутобиқати натиҷаҳои таҳқиқотро ба талаботи ихтисоси мазкур ва ҷанбаи амалии онро тасдиқ менамояд.

Муқаддима ва панҷ боби диссертатсия бо тартиби мантиқӣ ва пай дар пай таҳия гардида, тамоми масъалаҳои асосии таҳқиқотро ба таври комплексӣ, фарогир ва мукаммал инъикос менамоянд. Дар қисми муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи коркарди илмии масъала, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, усулҳои истифодашуда, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳо ба таври возеҳ ва асоснок муайян карда шудаанд, ки барои дарки дурусти муҳтавои диссертатсия заминаи мустаҳками методологӣ фароҳам меоранд.

*Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.* Диссертатсияи пешниҳодшуда дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Аҳаммияти илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар таҳияи амсилаҳои нави консептуалӣ, математикӣ ва компютерии динамикаи популятсияи оилаи занбӯри асал ифода меёбанд. Аҳаммияти амалии диссертатсия дар имконияти татбиқи мустақими амсилаҳо, алгоритмҳо ва комплекси барномавии таҳияшуда дар фаъолияти хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ зоҳир мегардад. Тавассути таҷрибаҳои компютерӣ ва сенариягузаронӣ роҳҳои самараноки идоракунии оилаҳои занбӯри асал муайян гардида, қабули қарорҳои асоснок бидуни гузаронидани озмоишҳои серхароҷоти саҳроӣ имконпазир мегардад.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли асал, коҳиш додани талафоти оилаҳои занбӯри асал, истифодаи оқилонаи захираҳо ва афзоиши даромаднокии хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ зоҳир гардида, аҳаммияти иҷтимоии он дар таҳкими амнияти озуқаворӣ, ҳифзи гуногуншаклии биологӣ, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии кишвар ифода меёбад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 44 интишороти илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 1 монография ва 26 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудаанд, ки аз онҳо 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Автореферати пешниҳодшуда тамоми паҳлуҳо ва нуктаҳои муҳими диссертатсияро ба таври мукаммал инъикос менамояд. Муқаддима ва панҷ боби асосӣ масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқотро пайдарпай ва системавӣ фаро гирифтаанд. Навгониҳои илмӣ, аз ҷумла таҳияи амсилаҳои консептуалӣ, математикӣ ва компютерии динамикаи популятсияи оилаи занбӯри асал, инчунин алгоритмҳо ва комплекси барномавии татбиқшуда, дар автореферат бо таври возеҳ ва асоснок пешниҳод шудаанд.

Ҳар як ҷанба, аз таҳлили адабиёти илмӣ, таснифи объект ва предмети таҳқиқ, интихоб ва татбиқи усулҳои ададӣ, то санҷиши компютерӣ ва верификатсияи натиҷаҳо дар автореферат ҷой дода шудааст. Илова бар ин, аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот бо мисолҳо ва тавсияҳои мушаххас нишон дода шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада дар интишороти илмӣ ва санадҳои татбиқӣ асоснок гардида, эътимоднокии онҳо тасдиқ шудааст. Аз ин рӯ, автореферат тамоми масъалаҳои муҳими диссертатсияро фаро гирифта, ба дарки пурраи таҳқиқот ва натиҷаҳои он мусоидат мекунад. Автореферат, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди дастовардҳои илмии иброзшуда ва навовариҳои пешниҳодгардида, автореферат аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ орӣ набуда, ислоҳ ва такмили онҳо метавонад арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро боз ҳам афзун намояд, аз ҷумла:

1. Бо манфиати кор мебуд, агар расмҳои 5 ва 16-и автореферат дар як саҳифаи пурра ҷойгир карда мешуданд.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат ва диссертатсия хатоиҳои имлоӣ ба назар мерасанд. Ислоҳи ин хатоиҳо аз манфиат холӣ нест.

Эродҳои зикршуда, ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Директори Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
д.и.ф.м., дотсент Зарифзода А.Қ.

Суроға: 734063, ш. Душанбе, х. Айнӣ, 299/1,
тел. (+992) 908884990, mail: afzal.z@mail.ru

Имзои А.Қ. Зарифзодаро тасдиқ мекунам

Сардори ШК ва коргузорӣ Бахтибековаа Г.

10.03.2026